# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи "Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи "Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Таҳқиқоти илмӣ коркарди ҷанбаҳои назариявию амалӣ буда, дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ҷиҳати такмили идоракунии рушди иқтисодии ҳудуд мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Зимнан тавсияҳои амалӣ оид ба мусоидат ба раванди иттилоотонӣ дар сатҳи минтақа, ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳо арзиши амалии бештар доранд.

2.Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои асосие, ки моҳияти навгонии илмиро ташкил мекунанд, аз инҳо иборат аст:

- инкишоф додани консепсияи илмии "иқтисодиёти иттилоотӣ", ки дар самти баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат мусоидат менамояд, дар

асоси он ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид шуда, тибқи он: “Иттилоотонии иқтисодиёт вазъияте мебошад, ки бештар дар ҷараёни истеҳсолот, истеъмолот, тақсимот ва мубодила истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мушоҳида карда мешавад ва дар таълими самаранокии муносибатҳои хоҷагидорӣ технологияи иттилоотӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад”;

- низомбандӣ намудани методикаҳои гуногуни арзёбии иттилоотонӣ ва нишондиҳандаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ таснифот карда шудааст. Алалхусус, тибқи меъёрҳои, зерин: - сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, таъминнокии корхонаҳо бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, истифодаи шабакаҳои глобалӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ, сатҳи омодагии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотий-коммуникатсионӣ;

- асоснок намудани таҷрибаи хориҷии иттилоотонӣ оид ба ҷудо кардани унсурҳое, ки дар шароити иқтисодии вилояти Суғд татбиқпазиранд. Аз ҷумла, худтанзимкунӣ, ташкил ва дастгирии бизнес-сохторҳо дар соҳаи иттилоотонӣ (таҷрибаи ИМА, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ), танзими маъмурӣ, яъне таҳти назорати давлат ташаккул додани инфрасохторҳои иқтисодиёти рақамӣ (таҷрибаи Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Русия ва ғ.) ва танзими муштарак, муттаҳид сохтани (синтези) худтанзимкунӣ ва танзими идоравӣ - маъмурӣ;

- арзёбии сатҳи иттилоотонии иқтисодиёти вилояти Суғд, ки он дар асоси натиҷаҳои ба даст омада дар қаринаи талаботи муосири ҷаҳонӣ ғайриқаноатбахш ба ҳисоб меравад. Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд се сатҳи нисбии иттилоотонӣ ҷудо карда шудааст: якум, сатҳи пасти рушд (Исфара, Истаравшан, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Кӯҳистони Мастчоҳ), дувум, сатҳи миёна (Конибодом, Гулистон, Деваштич, Спитамен, Панҷакент), севум, сатҳи нисбатан баланд (Хуҷанд, Истиқлол, Бӯстон, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шаҳристон);

- асоснок гардидааст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мухталиф аст. Аз рӯи меъёри дастрасӣ ва истифодаи шабакаҳои локалӣ ва глобалӣ дар байни соҳаҳои хоҷагии халқ мавқеи пешбарро чунин соҳаҳо, аз қабили маориф (ғайр аз таҳсилоти миёна), илм, бонкдорӣ ва қисман хоҷагии манзилию рифоҳӣ ишғол мекунанд. Мавҷудияти муаммоҳо дар ин самт асоснок гардидаанд. Аз ҷумла, норасоии кадрҳои баландихтисос, набудани соҳаҳои саноатӣ бо технологизатсияи баланди истеҳсолот, набудани барномаҳои махсус, ки расман маъқул шуморида шудаанд, сатҳи пасти саводнокии компютерии қисми зиёди аҳолии минтақа (бекорон, комбизоатон, ашхоси маълумоти олӣ надошта);

- исбот гардидааст, ки сатҳи баланди иттилоотонӣ дар минтақаҳои алоҳида ба туфайли мавҷудияти зерсохторҳои зерин ба даст меояд: 1) истеҳсоли технологияҳои компютерӣ; 2) муассисаҳое, ки бо ҳисоббарории мураккаб машғуланд; 3) коркард ва фурӯши маҳсулоти барномавӣ; 4) хизматрасонии иттилоотӣ–компютерӣ ва коммуникатсионӣ. Ошкор карда

шудааст, ки дар минтақаи мавриди таҳқиқ объектҳою категорияҳои якуму дувум вуҷуд надоранд, объектҳои категорияи севум қисман мавҷуданд ва, асосан, объектҳои категорияи чорум паҳн шудаанд. Коэффитсиенти иттилоотонии иқтисодиёти минтақаро вобаста аз сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа ҳисоб кардан лозим аст, яъне мувофиқи назарияҳои муосир он ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мутаносиби роста мебошад;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори иттилоотии мутараққӣ дар иқтисодиёти минтақа таҳия шудаанд. Аз ҷумла, ташаккули корхонаҳои иттилоотӣ дар пояи кооператсияи бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ, ҳифзи низоми иттилоотии минтақавӣ, аз ҷумла, дар ҳар як шаҳру ноҳия ташкил намудани низоми минтақавии идоракунӣ, ки ҳамаи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидориро, ки ба тавсеаи доира ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои электронӣ ва коҳиш додани хароҷоти транзаксионии идоракунӣ мусоидат менамоянд, муттаҳид месозад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо санҷишоти эътимоднокии маълумотҳо, кифоятии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркардҳои омории натиҷаҳои тадқиқот, нашриётҳо тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлилҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявию санҷишӣ (экспериментал̣ӣ) асос ёфтаанд. Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот аз ҷиҳати методологӣ ва мавқеи назарияи илмҳои иқтисодӣ, бо маълумотҳои репрезентативию эксприменталии тасдиққунандаи дурустии гипотезаи пешниҳодшуда ва апробатсияи натиҷаҳо таъмин карда шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар натиҷаҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст.** Дар интихоби мавзуъ, ҷараёни таҳқиқи диссертатсия доир ба муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти тадқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия исбот мешавад.

**Аҳамияти таҳқиқоти илмӣ** дар коркарди муқаррароти илмӣ оид ба ворид сохтани тасҳеҳ ба категорияҳои мавриди таҳқиқ, ҳамчунин рушди асосҳои илмии раванди иттилоотонии низоми хоҷагидорӣ, ки ба ташаккули иқтисодиёти инноватсионии минтақа мусоидат мекунад, зоҳир мешавад. Аҳамияти амалии рисолаи диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки хулосаи илмии бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои иттилоотии вилояти Суғд мусоидат менамоянд ва дар фаъолияти сохторҳои мухталифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, дар муассисаҳои маориф, илм, дар ташкилотҳои соҳаи хизматрасонӣ, ки дар қаламрави вилоят амал мекунанд, мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Дар

ин бобат маълумотномаҳо дар бораи ба амалия ҷорӣ намудани муқаррароти асосии диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд истифода бурда мешавад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 154/1 аз 09.11.2022).

Баъзе муқаррароти илмии кори диссертатсиониро дар ҷараёни таълими фанҳои "Иқтисодиёти миллӣ", "Назарияи иқтисодӣ", "Омор", "Таҳлили иқтисодӣ" дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" таҳти № 01/8885 аз 18.11.2022).

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ба мақсади тавсеаи соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионии муосир амалигардонии тадбирҳо дар самтҳои зерин аҳамияти махсус дорад:

- дастгирии бизнесе, ки барои пешниҳоди молу хизматрасонии худ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро истифода мебарад;
- ҷорӣ намудани имтиёзҳо дар пардохти боҷу андоз ҳангоми содироти мол дар асоси тиҷорати электронӣ;
- ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки технологияҳои иттилоотӣ ва имкониятҳои шабакаҳои глобалиро истифода мебаранд;
- коркарди низоми содакардаи гирифтани иҷозатномаҳо дар пояи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- коркарди шабакаҳои локалӣ баҳри суръатафзоии иҷрои кор, хизматрасониҳо ва рушди минтақаҳо;
- васеъ кардани номгӯи хизматрасониҳои давлатии электронӣ босифат ва дастрас;
- баланд бардоштани сатҳи омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ҷудо намудани маблағҳои буҷавӣ барои тайёр кардани онҳо;
- тавсеаи хизматрасонии электронӣ дар муносибатҳои молиявӣ, сода намудани шартҳои ҳамкории мутақобилаи байни қарзгиранда ва қарздиҳанда аз ҳисоби татбиқи барномаҳои махсуси компютерӣ.

Барои тавсеаи хизматрасонии электронӣ тадбирҳои зерин андешидан зарур аст:

- татбиқ ва истифодаи серверҳои электронии муосири пуриқтидор дар бахши хусусӣ, дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ҷамъиятӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
- таҳияи нақшаи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи малакаи аҳолӣ, кормандони корхонаҳо ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

- баланд бардоштани дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба технологияҳои иттилоотии муосир;
- баланд бардоштани сатҳи шаффофияти фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва иттилоотонии он;
- мунтазам гузаронидани такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;
- ташаккул додани асосҳои инстутитсионалии дастрасии аҳолӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ.

Амалигардонии пешниҳодҳои мазкур ба рушди хизматрасониҳои иттилоотӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодиёти минтақавӣ дар қаламрави вилояти Суғд мусоидат мекунад. Ба туфайли ин самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатӣ зиёд мешавад ва ҳамкории онҳо бо ҷамъият таҳким меёбад, ки он ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат менамояд.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, бо ҳаҷми умумии 2,85 ҷ.ч., аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 5 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Ҳасанова М.И. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳасанова М.И. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67,69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ухда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи "Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатию маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
- **Нусратзода Муҳаммади Нусрат,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тайъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Раҳимов А.М.

**Аъзоёни комиссияи:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Дадоматов Д.Н.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Самадова З.А.

Имзои Раҳимов А.М., Дадоматов Д.Н. ва Самадова З.А.– ро тасдиқ менамоям:
котиби шӯрои диссертатсионӣ ____________ н.и.и, дотсент Самадова З.А.

"10" июни 2023 сол.